# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи диссертатсионии Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзӯи «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст**

Таҳлили саҳми олимону омӯзгорони бузурги мактабҳои олии давраи шуравӣ яке аз вазифаҳои муҳими илми таърихи ватанӣ буда, баррасии он имкон медиҳад, ки баъзе саҳифаҳои норавшани таърихи гузаштаи соҳаи маорифи миллӣ муайян гардида, минбаъд дар асарҳои илмӣ ворид карда шавад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиш, таҳлилу баррасии ҳаёт ва фаъолияти илмӣ – омӯзгории яке аз олимони номии мо – доктори илмҳои таърих, профессор, академик Мулло Эркаев мебошад, ки дар пешрафти илми таърихнигорӣ ва таҳсилоти олии Тоҷикистон ӯ нақши муассир бозидааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро маводҳои Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгонии ДМТ ва бойгонии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, асарҳои бевоситаи олим, асару мақолаҳои олимон ва хотироти дустону ҳамкасбон ва шогирдону пайвандони академик М. Эркаев ташкил медиҳанд.

Диссертант дар рафти навиштани рисола асосан принсипи таърихият ва методологияи таърихро, ки дорои се хусусият: хислатӣ, танқидӣ ва муқоисавӣ мебошад, истифода бурдааст. Тавассути ин усулҳо ҷанбаҳои асоси илмии мавзуъро омӯхтаву муқоиса намуда, сабаби зуҳури онҳоро шарҳ додааст, ки чунин муносибат ба муҳаққиқ имкони инъикоси воқеияти таърихиро фароҳам овард.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ дар асоси шумораи зиёди сарчашмаву адабиёт доир ба нақши академик Мулло Эркаев дар илму маорифи ватанӣ, таҳқиқоти маҷмӯиро анҷом додааст.

Истифодаи маълумотҳои рисолаи мазкур, далелу воқеаҳое, ки дар он тасвир шудаанд, дар рафти таҳияи лексияҳои курсҳои махсус аз фанни таърихи ватанӣ, дастурҳои илмию методӣ, дар корҳои илмӣ-маърифатӣ ва тарбиявии донишҷӯёни мактабҳои олию миёнаи махсусе, ки касби омӯзгориро пеша намуданд, аз манфиат холӣ нест.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур, хулосаю навгониҳои илмӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои ҷанбаи амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия фаслҳои муқарраротӣ мувофиқи талаботи аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ пешниҳодшаванда таҳия гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия ба ҳаёт ва фаъолияти илмиву педагогӣ ва ташкилотчигии академик Мулло Эркаев бахшида шудааст ва он аз чор параграф иборат аст. Дар параграфи аввал - "Давраи кӯдакӣ, наврасӣ, ҷавонӣ ва оғози фаъолияти омӯзгорӣ" - муаллиф, ба инъикоси марҳилаҳои ҳаёти пуршебу фарози ин фарзанди асили тоҷик пардохтааст, ки он воқеияти ҳаёти ҷомеаи ибтидои асри XX-ро таҷассум месозад.

Диссертант, сабаб ва омилҳои асосии ба шаҳри навбунёди Душанбе омадани М. Эркаев ва дар ин маркази маъмурии ҶМШС Тоҷикистон таҳсилоти ибтидоӣ гирифтану такомул додани он, дар ин замина тақвият ёфтани донишу тафаккури касбӣ ва оғози фаъолияти омӯзгории ӯро дар нахустин курсҳои кӯтоҳмуддати ҷумҳурӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, заҳмату талошҳои М. Эркаевро дар ин самт ҳамчун хизмати яке аз фаъолону созандагони ҷомеаи сотсиалистӣ дар инқилоби фарҳангии кишвар унвон намудааст.

Параграфи дуюми боби якум – "Камолоти илмиву педагогии Мулло Эркаев" унвонгузорӣ шудааст, ки дар он муаллиф бевосита ба омӯзиш ва пажуҳиши фаъолияти М. Эркаев дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин пардохта, зикр намудааст. Аз маводи овардашуда бармеояд, ки М. Эркаев ҳанӯз аз рӯзҳои нахустини ба фаъолият оғоз

намудани муассисаи номбурда (соли 1948) дар баробари фаъолияти ҳизбию сиёсӣ дар таълиму тарбия низ саҳми худро гузоштааст. Аз соли 1950 то 1975 сарварии кафедраи таърихи ҲКИШ-и Донишгоҳро ба зимма доштааст, ки бо донишу хирад ва масъулиятшиносии баланд баҳри рушди мактаби олӣ хизмат намуда, таҳқиқотҳои зиёдеро дар ташаккули возеҳияти таърихӣ ба анҷом расонидааст. Муаллифи рисола дар асоси сарчашма ва адабиёту маводи матбуоти даврӣ ба омӯзиш, таҳлил ва натиҷагирии ин марҳилаи ҳаёту фаъолияти касбии академик Мулло Эркаев пардохта, натиҷаҳои баланди илмиву омӯзгории олимро маҳз ба ин давра марбут шуморида, ин фосиларо камолоти ҳаёти касбӣ ва илмиву омӯзгории олим ҳисобидааст.

Диссертант дар параграфи сеюми боби якум - "Масъалаҳои таърихи халқи тоҷик дар осори илмии Мулло Эркаев" - паҳлӯи марбутаи фаъолияти ӯро мавриди баррасӣ қарор дода, пажуҳишҳо ва дастовардҳои илмии ин муҳаққиқи пурмаҳсулро фаррох арзёбӣ намуда, ба таҳлилу натиҷагирии чанде аз онҳо пардохтааст. Зикр гардидааст, ки осори мазкур аз ҷиҳати таҳлили илмиву интиқодӣ ва хулосабарорӣ навоварии илмӣ маҳсуб ёфта, баҳри воқеият ва тақвияти афкори таърихӣ муфид хоҳанд буд. Муаллиф, зикр намудааст, ки имрӯз бисёре аз таҳқиқотҳое, ки бевосита ба замони шуравии таърихи халқи тоҷик таълиф мегарданд, новобаста аз самт ва ё бахшҳои ҷомеа аз таълифоти академик Мулло Эркаев ҳамчун сарчашма ва манбаи боэътимод истифода мебаранд, ки ин бешак мавқеъ, заҳмату талош, донишу хирад, масъулиятшиносӣ, муҳаббат ба касб, ба ватан, хусусан, худшиносии миллии олимро ифода ва талқин месозад.

Маводи параграфи ниҳоии боби якум саҳми академик Мулло Эркаевро дар корҳои ташкилию ҷамъиятӣ инъикос менамояд. Дар он диссертант дар бораи фаъолияти ташкилӣ ва ҷамъиятии М. Эркаев маълумоти муфассал дода, оиди инъикоси воқеияти мазмунии ин параграф факту рақамҳои зиёдро нишон дода тавонистааст.

Муаллифи рисола, ба таҳлили фаъолияти ҳизбиву сиёсии М. Эркаев дар солҳои 1940-1950 пардохта, анҷоми бомуваффақонаи вазифаҳои бардушдоштаашро қобилияти ташкилӣ, дониш ва маҳорати суханвариву таблиғотчигӣ, меҳнатдӯстӣ ва ғайра унвон намуда, идомаи онро дар баробари фаъолияти педагогӣ дар мактаби олӣ нишон додааст. Аз ҷумла, роҳбарии ҷамъияти "Дониш"-и Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин будани М. Эркаевро яке аз масъулиятҳои ҷиддии ҷамъиятии ӯ унвон намуда, дар асоси маводи зарурӣ исбот намудааст, ки Мулло Эркаев дар ин ҷамъият донишҷӯёни фаъолу пуристеъдодро аз тамоми гурӯҳҳои таълимӣ ҷалб намуда, баҳри тақвияти донишу маҳорат ва дар сатҳи баланд баргузор намудани чорабиниҳои илмиву фарҳангии муассиса, шаҳр, ҷумҳурӣ ва ҳатто иттифоқӣ кушишҳои зиёдеро ба харҷ додаанд.

Боби дуюми диссертатсия – "Мактаби илмиву педагогии академик Мулло Эркаев" - ду параграфро дарбар гирифтааст, ки дар онҳо андешаҳои мухталифи академик Мулло Эркаевро оид ба рушди илми таърих, беҳтар ба роҳ мондани корҳои таълимию тарбиявӣ, корҳои эҷодию таҳқиқотӣ, роҳу услубҳои омоданамоии муаррихони соҳибунвон аз ҷониби муаллиф мавриди таҳлилу баррасӣ ва пешниҳоду натиҷагирӣ қарор гирифтаанд. Ин андешаҳоро Мулло Эркаев бевосита дар таҳқиқотҳои худ ва дар рафти фаъолияти таълимиву тарбиявӣ талқин намудаанду онҳо то имрӯз дар таълифот ва хотироти ҳамкасбону шогирдонашон боқӣ мондаанд.

Хулосаи таҳлилии муаллиф дар боби мазкур дар он зоҳир мегардад, ки андешаҳои зикршуда баҳри тақвият ва таҷрибаи комили педагогӣ барои ҳар як устоди матаби олӣ хизмат хоҳанд намуд.

Аз назари мо, диссертант Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич ҳангоми навиштани рисолаи диссертатсионӣ тавонистааст дониши амиқ ва ҳаматарафаро аз рӯйи мавзӯи интихобкардааш зоҳир намояд, худро ҳамчун муҳаққиқи ташаккулёфта нишон диҳад, мустақилона корҳои илмӣ-таҳқиқотиро пеш барад, эҷодкорона бо сарчашмаҳо корбарӣ

намояд. Дар баробари ин. ӯ дорои тафаккури таҳлилӣ буда, истеъдоди аз назари танқидӣ дарк кардани равандҳои таърихиро дорад.

Бешак, рисолаи диссертатсионии Давлатшоев Р.Ҳ. таҳқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобида шуда, норасоии марбутаи илмиро дар таърихнигории ватанӣ, махсусан. доир ба мактаби олӣ пурра менамояд ва, аз ин рӯ, на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки амалиро низ доро мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсия азрӯи сохтор ва мазмуни асосӣ мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD)-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, комилан ҷавобгӯи онҳо мебошад. Муаллиф мавзӯи мазкурро бори нахуст дар илми таърихи ватанӣ дар қолаби як рисолаи илмӣ мавриди таҳқиқот қарор додааст.

Дар баробари ин, мехостам оид ба баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо, ки дар рафти баррасӣ ва таҳлили рисолаи диссертатсионӣ муайян шудаанд, ибрози андеша намоям:

Якум, хуб мешуд, ки саҳми М. Эркаев ҳамчун як тарғиботчӣ ва ташфиқотчии фаъол дар замони ҳассоси Ҷанги Бузурги Ватанӣ тавассути таҳлили фаъолияти сиёсиву ҷамъиятиаш нишон дода мешуд.

Дуюм, муаллиф ҳаракати босмачигариро ниҳояд хуб таҳлил намудааст, вале доир ба масъалаи баҳсбарангез – барои чӣ дар баъзе кишварҳои ҳамсоя имрӯз нисбат ба онҳо бо чашми нек нигариставу онҳоро сафед карда истодаанд, нуқтаи назари худро иброз медошт.

Сеюм, мазмуни бобҳои ба нақшагирифта асосан мусбӣ буда, муаллиф дар аснои баррасии масъалаҳои инъикоснамуда ба камбудиҳою норасоиҳои ҷойдошта кам аҳаммият додааст.

Чорум, дар рӯйхати сарчашмаю адабиёти истифодашуда баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Ҳамзамон, камбудиҳои зикргардида хислати принсипиалӣ надошта, онҳо арзиш ва аҳаммияти илмӣ. назариявӣ, маърифатӣ, амалӣ ва мазмуни илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Зеро муаллиф ҳангоми

омӯзиши мавзӯи диссертатсия ва навиштани он доираи васеъи сарчашмаҳо, адабиёти илмӣ, хотироти бевоситаи дӯстону ҳамкасбон ва шогирдону пайвандони академик М. Эркаевро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо хулосаҳои илман асоснокшуда пешниҳод намудааст.

Автореферат мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Хулоса, диссертатсияи докторант Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзӯи “Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)” ба меъёрҳо ва талаботҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда комилан ҷавогӯ буда, муаллифи он Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои таърих,**
**дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои**
**байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии**
**забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба**
**номи Сотим Улуғзода** **Икромов Ғ.Х.**

**Имзои номзади илмҳои таърих,**
**дотсент Ғ.Х. Икромов-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода** **Юсупова Б.**

«29» 03 2024 с.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734009, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кучаи Муҳаммадиева 17/6. Тел.:(+99237) 232-50-03; 232-50-05
Почтаи электронӣ: dbzht@dbzht.tj